**Суратмаҷлиси №28**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-024 назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

24.09 соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафараш докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Марҳамат аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих).

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои таърих, профессор Латифов Ҷ.Л. ва аъзои комиссия профессорон Собирова Қ.Д. ва Муродова Н.С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи

ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД**:

1. Диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Комилова Хосият Ғуфроновна** - доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

– **Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ**- номзади илмҳои таърих, ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 3-юми декабри соли 2025, соати 13:30 таъин карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд**.

Раиси шурои
диссертатсионӣ д.и.т. Расулиён Қ.Р.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ н.и.т. Умаров А.Қ.

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ